**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 60/tc
аз «07» 01 соли 2022

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Дастурамал "Дар бораи пур кардани шакли ҳисоботи омории №1-ГПН" "Ҳисобот оид ба гардиши пули нақд" ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири тазимкунӣ лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда, пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд.

Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон (таҳиякунанда) риоя гардидааст.

Дар боби 2 банди дуюми лоиҳа уҳдадорӣ ва маҳдудият доир ба пешниҳоди ҳисобот барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, инчунин дар ҳолати иҷро нагардидани талаботи мазкур ҷарима пешбинӣ шудааст.

Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегардад.

Барои ҳалли танзими масъалаи пур кардани шакли ҳисоботи омории №1-ГПН дар лоиҳа меъёрҳои дахлдор пешбинӣ гардидааст.

Директор Саидзода И.Ҳ.